**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Бо шарофати ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳаёти ҳуқуқии кишвар низ дигаргуниҳои куллӣ ва тағйиротҳои чашмрас падид омадаанд. Дар натиҷаи татбиқи бомаромиислоҳотҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳамқадами замон гардонидани мазмуну моҳияти қонунгузории амалкунанда дар низоми ҳуқуқии мамлакат таҳаввулот ба

вуқуъ пайваст. Маврид ба зикр аст, ки ин истилоҳотҳо (ислоҳот) ва дигаргуниҳо низ соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро фаро гирифтаанд. Гузариш ба низоми нави давлатдорӣ, эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ ва пешбурди шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар умум зарурати аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз ва ҳимояи арзишҳои нави иҷтимоӣ ва падидаҳои ҳуқуқиро рӯйи кор овард.

Аз ин рӯ, дар шароити то рафт вусъат пайдо кардани ҷиноятҳои фаромиллӣ бо дарназардошти паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ, муқовимат ба ҷинояту ҷинояткорӣ мавқеи муҳимро касб менамояд. Дар марҳилаи муосири рушду инкишофи ҷомеаи имрӯза татбиқи ҷазои ҷиноятӣ василаи таъсиргузори давлат нисбат ба ҷинояти содиргардида мебошад. Аз ин рӯ, таъини ҷазои ҷиноятӣ тартиби дақиқи ҳуқуқӣ ва асосноккунии илмиро талаб менамояд, то ки гунаҳкор ҷазои сазовор гирифта, талаботи принсипи адолат риоя гардад ва чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқии ҷиноятӣ танҳо барои ноил гардидан ба мақсади таъини ҷазои ҷиноятӣ роҳандозӣ шуда, онҳо бояд дар ҳадди зарурӣ истифода бурда шаванд. Маҳз дар ҳамин раванд моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мегардад.

Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати яке аз самтҳои татбиқи консепсияи давлатии таъмини амнияти криминологӣ баромад менамояд ва дар эътироф кардани алоқамандӣ ва баҳамвобастагии появии муқарраротн асосии он бо сиёсати иҷтимоии давлат, инчунин сиёсати пешгирии ҷинояткорӣ, ҳимоя ва дастгирии ҷабрдидагон аз ҷиноятҳо, иҷрои ҷазоҳои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари хусусияти ҳуқуқии ҷиноятидошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва назорат аз болои шахсоне, ки ҷазои ҷиноятиро адо кардаанд, пешбинӣ мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз маҳсулоти пастсифат ё хатарнок, амалияи ғайриодилонаи фурӯш, шартҳои ноодилонаи тиҷорат, нархҳои баланд ва монанди инҳо дар тули солҳои зиёд яке аз масъалаҳои мубрами сиёсати ҳуқуқии замони мо буд. Сабабҳои инро ошкор кардан душвор нест, чунки истеъмол дар ҷамъияти ҳозира аҳаммияти торафт калон пайдо мекунад, зеро дар баробари афзудани сарват, талабот ба мол ва хизматрасонӣ дар байни аҳолӣ низ меафзояд. Дар баробари ин, мавқеи истеъмолкунандагон баракс бадтар гардида, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ истеъмолкунандагон бояд мисли таъминкунандагон харидорони тавоно бошанд, аммо воқеан сатҳи зиндагии онҳо дар таносуб ба таъминкунандагон хеле пасттар қарор доранд.

Аз ҷониби муаллиф оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ афкори арзишманд ва комилан дуруст ишора шудааст. Ба таври кофӣ ва қонеъкунанда дар қисмати муқаддимавии кор тарҷ намудани нишондиҳандаҳои муайяни омори расмӣ, иттилооти зарурӣ оид ба хавфнокии ҷамъиятии ин кирдор, талаботи ҳуҷҷатҳои хусусияти консептуалидошта ва манбаъҳои дигар асоснокии далелҳои матраҳшударо дар таҳқиқоти мавриди назар собит сохта, аз мубрамияти мавзуи интихобнамуда дарак медиҳанд.

Боби якуми таҳқиқот – «Ташаккул, инкишоф ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар доираи он масъалаҳо вобаста ба таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мувофиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ мавриди таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ-муқосиавӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии унсурҳои ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон» ном дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии объекти фиреби истеъмолкунандагон, таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон, аломатҳои субъективии фиреби истеъмолкунандагон ва аломатҳои бандубасткунандаи фиреби истеъмолкунандагон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Шарипов С.С. яке аз аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ бо забони давлатӣ оид ба ба масъалаҳои таърихӣ, назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мебошад. Аз мазмуни матни диссертатсия ва автореферат бармеояд, ки он дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин пажуҳишҳои илмие ба шумор меравад, ки аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳгардида, дорои аҳаммият ва арзиши хоси илмист.

Дар он таърихи пайдоиш ва инкишофи институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, табиати ҳуқуқии он, мафҳум, моҳият ва аломатҳои ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон ва маҳакҳои фарқгузории ҷинояти мазкур аз дигар ҷиноятҳои монанд ва аломатҳои бандубасткунандаи фиреби истеъмолкунандагон мавриди баррасии амиқ қарор дода шудаанд, ки навгонии таҳқиқоти мазкурро дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ бозгуӣ менамоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур шудаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ, таҷдиди қонунгузории соҳа ва бартараф намудани мушкилиҳои амалияи тафтишӣ ва судӣ равона гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии унсурҳои ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон» ном дошта, аз чор зербоб иборат аст. Дар боби мазкур таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии объекти фиреби истеъмолкунандагон, таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии тарафи объективии фиреби истеъмолкунандагон, аломатҳои субъективии фиреби истеъмолкунандагон ва аломатҳои бандубасткунандаи фиреби истеъмолкунандагон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва натиҷаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Шарипов С.С. яке аз аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ бо забони давлатӣ оид ба ба масъалаҳои таърихӣ, назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ мебошад. Аз мазмуни матни диссертатсия ва автореферат бармеояд, ки он дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз нахустин пажуҳишҳои илмие ба шумор меравад, ки аз рӯйи сохтор, услуби иншо ва натиҷаҳои илмии матраҳгардида, дорои аҳаммият ва арзиши хоси илмист.

Дар он таърихи пайдоиш ва инкишофи институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, табиати ҳуқуқии он, мафҳум, моҳият ва аломатҳои ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон ва маҳакҳои фарқгузории ҷинояти мазкур аз дигар ҷиноятҳои монанд ва аломатҳои бандубасткунандаи фиреби истеъмолкунандагон мавриди баррасии амиқ қарор дода шудаанд, ки навгонии таҳқиқоти мазкурро дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ бозгуӣ менамоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳои илмӣ манзур шудаанд, башорат аз навгонӣ ва сатҳи амиқи таҳқиқот медиҳанд, ки ҳамагӣ баҳри рушди илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ, таҷдиди қонунгузории соҳа ва бартараф намудани мушкилиҳои амалияи тафтишӣ ва судӣ равона гардидаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Мундариҷаи кори илмӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф тавонистааст миқдори зиёди маводи илмиро дар мавзуъ таҳлил намояд, ки ин ҳадафи асосиашро ташкил медиҳад. Боиси таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф бо ин мақсад на танҳо асосҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон, балки заминаҳои таърихии ташаккул ва инкишофи институти мазкурро низ таҳлил намудааст.

Диссертатсия таҳқиқоти комил ва хотимаёфтаи илмӣ буда, мазмуни ягона дорад ва он вобаста ба ҷанбаҳои мухталифи назариявию амалӣ дар шакли матраҳ гардидани суолҳои алоҳида таҳия шудааст. Суолҳои алоҳида ба ҳамдигар мутобиқат намуда, дар ҳамбастагӣ мазмуни ягона доранд ва дар маҷмуъ таҳлили илмии назариявии масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро дар бар мегиранд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулосаҳо ва пешниҳодҳо оид ба диссертатсия, бешубҳа арзиши илмӣ дошта, донишҳо ва ғояҳои мавҷударо дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон ба таври назаррас зиёд мегардонад. Натиҷаҳои бадастомадаи муаллиф метавонанд барои такмили китобҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва «Квалификатсияи ҷиноят» истифода шаванд.

Инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи тафтишию судӣ истифода бурдан мумкин аст.

Ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани меъёрҳо ба таври зайл: «Камтар чен кардан, кам баркашидан, кам додани бақияи пул, гумроҳ кардани истеъмолкунандагон дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот (хизматрасонӣ) ё дигар навъи фиреб додани истеъмолкунандагон дар корхонаҳо сарфи назар аз шакли моликият, ки ба фурӯши молу маҳсулот ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғуланд, ҳамчунин аз ҷониби шаҳрвандон *ба миқдори калон ва дар давоми сол баъд аз додани ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад,* (шояд “баъд аз ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани шахс” дурустар мешавад, зеро содир шудааст ду маротиба такрор меёбад) содир шуда бошанд»; категорияи «зарар ба миқдори назаррас» аз қ. 1 м. 294 КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, бар ивази он категорияи «зарар ба миқдори калон», ки дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ҷой дода шавад. Зарар ба миқдори махсусан калон ва аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир намудани фиреби истеъмолкунандагон, ки дар қ. 3 м. 294 КҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, ба қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ интиқол дода шавад; дар м. 294 КҶ ҶТ истилоҳи «шаҳрванд» бо истилоҳи «соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ)» иваз карда шавад; дар қ. 2 м. 294 КҶ ҶТ ҳолати бандубастшавандаи «аз ҷониби шахсе, ки қаблан барои фиреби истеъмолкунандагон суд шудааст, содир шуда бошад», хориҷ карда шавад; **Эзоҳ**: Фиреби истеъмолкунандагон ҳангоме ба миқдори калон содиршуда шумурда мешавад, ки агар зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар, ба миқдори махсусан калон бошад – аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад ва дигар таклифу пешниҳодҳои муаллиф аз аҳаммияти амалӣ холӣ набуда, боиси дастгирӣ мебошанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада нишон медиҳанд, ки онҳо воқеан камбудиҳои дар ин самт дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбударо пурра менамоянд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст ва ба Шарипов С.С. дар шакли тавсияҳо барои таҳқиқотҳоиояндаи ӯ пешниҳод менамоем:

1. Муаллиф дар банди 6 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда иброз меборад, ки «Истилоҳи «шаҳрвандон» дар таркиби м. 294 КҶ ҶТ ба мақсад мувофиқ нест. Зеро, истилоҳи шаҳрванд мансуби шахси муайянро ба як давлат дорад ва шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ, ки дар ҷумҳурии кору фаъолият доранд, метавонанд ҳангоми содир намудани ҷинояти фиреби истеъмолкунандагон бе ҷазо монанд. Аз ҳамин сабаб пешниҳод менамоянд, ки дар м. 294 КҶ ҶТ истилоҳи «шаҳрванд» бо истилоҳи «соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ)» иваз карда шавад». Аммо аз чӣ сабаб бошад, дар пешниҳоди 7, ки ба масъалаи диспозитсияи қисми 1. м. 294 КҶ ҶТ бахшида шудааст, боз истилоҳи «шаҳрвандон»-ро иловатан истифода намуда, истилоҳи «соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ)»-ро аз мадди назар дур мондааст. Аз ин рӯ, мехоҳем андешаи шахсии муаллифро зимни ҳимояи ошкорои рисола, роҷеъ ба масъалаи мазкур пурратар шунавем.

2. Муаллиф дар банди 9 нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бошад қайд менамояд, ки эзоҳи м. 294 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад: «Фиреби истеъмолкунандагон ҳангоме ба миқдори калон содиршуда шумурда мешавад, ки агар зарари ба истеъмолкунандагон расонидашуда аз як нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар, ба миқдори махсусан калон бошад – аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад». Пешниҳоди мазкури муаллиф аз эзоҳи меъёри амалкунандаи м. 294 КҶ ҶТ бо он фарқ менамояд, ки дар он маҳуми «зарар ба миқдори назаррас»

хориҷ карда шуда, ҳаҷми «зарар ба миқдори махсусан калон» аз панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо то ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо паст карда шудааст, ки ба андешаи мо он ба принсипи инсондӯстии қонунгузории ҷиноятӣ мухолифат менамояд. Бинобар ин, ба андешаи мо пешниҳоди мазкур баҳснок буда, асосноккунии иловагии илмиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, мехостем андешаи муаллифро дар масъалаи асоснокии пешниҳоди мазкур зимни ҳимояи ошкоро иловатан шунида бошем.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда сифати таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Ин нахустин омӯзиши ҳамаҷонибаи институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон бо забони давлатӣ аст, ки дорои навоварӣ, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои шахсии муаллиф мебошад. Дар таҳқиқи мавзуи матраҳгардида, мустақилияти илмӣ ва эҷодии муаллиф хуб эҳсос гардида, таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои низоми дурусти пайдарҳамӣ, сохтори мукаммал ва мазмуну моҳияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ муаллифи 8 мақолаи илмӣ мебошад, ки ба таҳлили паҳлуҳои гуногуни институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон бахшида шудаанд. Аз ин теъдод, 4 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Ҳамчунин, муқарраротҳи асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Шарипов С.С. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни таҳқиқот ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки диссертатсияи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад. Зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, квалификатсияи ҷиноят ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки падидаи мазкур дар илми ватанӣ такмил ёбад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди илм ва қонунгузории ҷиноятӣ, фаъолияти мақомоти тафтишию судӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳои давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, асосҳои умумии таъини ҷазо, ҳангоми иҷрои корҳои

мустақилона, навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти Шарипов С.С.-ро нишон медиҳанд.

Дар умум, Шарипов Самандар Самариддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад. Тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**

Дотсенти кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ Сафарзода Ҳ.С.

**Имзои Сафарзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори ШК ва КҲШ Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Музафарзода Б.З.

**«22» 12 2023 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734024, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов, 3; Тел.: +(992) 37 226-36-13, 226-33-92, 226-28-92; факс: +(992) 37 226-60-43; сомона: www.avkd.tj; E-mail: avkdtj@mail.ru.